## Шарҳи моҳонаи таваррум • Январи 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи январи соли 2022 ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ бетағйир ва ҳамин моҳи соли 2021 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таваррумӣ ҳосилшуда аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,7 фоиз (0,2 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз (0,03 б.ф.) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи орди навъи якум 0,3 фоиз, гӯшти гов 0,1 фоиз, гӯшти мурғ 0,5 фоиз, шир 1,2 фоиз, себ 3,1 фоиз, нок 1,8 фоиз, ангур 1,9 фоиз, сабзӣ 2,3 фоиз, пиёз 4,0 фоиз, карам 14,6 фоиз, помидор 10,0 фоиз ва бодиринг 21,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи равғани пахта -0,6 фоиз, равғани офтобпараст -0,8 фоиз, тухм -8,6 фоиз, картошка -2,6 фоиз, биринҷ -0,6 фоиз ва лиму -0,4 фоиз ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар қиматшавии нархи масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,1 фоиз, маводи шустушӯй 0,6 фоиз, либос ва пойафзол 0,4 фоиз, васоити нақлиёт 1,1 фоиз ва маводи доруворӣ 4,8 фоиз ба мушоҳида расид.

Дар баробари ин, пастравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ, аз қабили маводи сӯзишворӣ -1,2 фоиз (бахусус нархи сӯзишвории дизелӣ -1,3 фоиз ва бензини навъи АИ-92 -2,8 фоиз)-ро ташкил дод.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 0,2 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии манзилию коммуналӣ ба андозаи 0,1 фоиз ва маориф 0,5 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таваррумӣ солона дар моҳи январи соли 2022 ба 7,8 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин**

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**давраи соли гузашта 1,7 б.ф. кам мебошад.** Мавриди зикр аст, ки тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ ва фишорҳои берунӣ ба амал омад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,7 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайриҳӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | Январ тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 0,2 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -0,6 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 0,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 0,2 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 0,1 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -8,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | -1,1 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 1,2 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | -0,5 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | 1,4 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 3,5 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 0,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 0,6 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 0,4 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 0,6 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 4,8 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | -1,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 0,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | 0,3 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 0,3 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,8 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 0,5 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 0,2 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 1,6 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо